Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**Тақризи**

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзӯи рисола, нақша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи тадқиқоти диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ», дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ бахшида шуда, аҳамияти назариявию амалиро доро мебошад.

Муаллиф мубрамияти мавзӯъро дар ибтидои рисолааш муфассал баён карда, чунин иброз доштааст: Моҳиятан фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо меҳвари асосии фаъолгардидаи соҳибкорӣ асоснок шуда, фаъолияти душвор, маҷмаавӣ ва таваккалии баланди субъекти хоҷагидорӣ мебошад.

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ фаъолияти соҳибкории махсусест, ки дар соҳаи муносибатҳои савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ, илмӣ-техникӣ, иттиҳодиявӣ, асъорӣ-молиявӣ, берун аз марзи кишвар асоснок татбиқ гардида бо фоиданокӣ ва афзалияти бисёршумур ва дар муҳити байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад. Дар замони муосир бо дарназардошти муҳиммияти густариши муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар шароити ҳамгироии ҷаҳонишавӣ, масъалаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятнок ва меҳварии сиёсати иқтисодии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли ҳар кадом давлат саъю кӯшиш дорад то дар низоми иқтисоди байналмилалӣ, савдо ва бозори ҷаҳонӣ ҳиссаи арзандаи худро дошта бошад. Маҳз сатҳ ва дараҷаи рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии давлат, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, роҳ ёфтан ба бозори фурӯши мол, иҷрои кор, хидматрасонӣ ва савдои байналмилалӣ, пеш аз ҳама таъмини некуаҳволии шаҳрвандон аз омилҳои асосианд, ки иқтидору тавоноӣ ва мавқеи ҳар як давлатро дар низоми муносибатҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонӣ муайян месозанд (с. 3).

Ба ақидаи Насрутдинзода Қ. Ш. танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҷабҳаҳои бисёрпаҳлӯи он муаммовӣ буда, мубрамияти худро гум накардааст. Ҳолатҳои зикршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои рӯ ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ниҳода зарурияти бурдани таҳқиқотҳои илмӣ-амалиро дар ин самт пеш овардааст.

Ҳарчанд атрофи ҳамин масъала баъзе таҳқиқотҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар тадқиқотҳо фарқ намуда, назари хоси эҷодиро ифода кардааст. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани як қатор холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Дар он ба самтҳои асосии илмӣ ва такмили қонунгузории бахши соҳибкории иқтисодии хориҷӣ аҳамияти хоса дода шудааст. Аз ҳамин лиҳоз рисола дар шароити ҳозира ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки дар бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию соҳибкорӣ заминаҳои зарурирo фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва дар муқоиса бо роҳҳои дигари ҳалли маъмул сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали 90-ум дар қонунгузорӣ ишора карда шудааст. Танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди соҳа дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон се давраро дарбар гирифтааст: якум, солҳои 1991-2000 – замони мустақилона муайян намудан ва ташаккули қонунгузории соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; дуюм, солҳои 2000-2012 – рушди танзими хусусӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ; сеюм, аз соли 2012 - то имрӯз – такомули қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ.

2. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ин фаъолияти тиҷоратии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ буда, бо иштироки онҳо дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Дар қонунгузории ҷорӣ ишораҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, аммо бидуни фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолиятро тасаввур карда намешавад. Таҳлили меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо пуррагӣ муқаррар нагардидааст. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷорӣ оид ба мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае меорад, ки мафҳуми ягона, бо ишораи “фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ” бояд мустаҳкам гардида бошад. Зарурияти ҷой дода шудани мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ба миён омадааст ва он тақозои замон мебошад.

3. Дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои зерин мегардад:

1) бо ба миён омадани шартномаҳои анъанавии хариду фурӯш, шартномаҳои шакли нави байналмилалии муомилоти тиҷоратӣ (лизинг, франчайзинг, факторинг, агентӣ ва ғайра), аз ҷумлаи молу маҳсулот, хизматрасониҳо (бонкӣ, боркашонӣ ва ғайра) ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ-маънавӣ ба муомилоти савдоӣ;

2) барҳам додани монеагиҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ватанӣ бо воситаи ҳамгирошавии механизмҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалии ИДМ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил), СҲШ (Созмони ҳамкории Шанхай), СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо) ва ғайра;

3) ташкили низомҳои ҳуқуқии аҳдҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии баробар барои кишварҳои аъзои созмонҳои байналмилалӣ.

Рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо воситаҳои ҳуқуқӣ имконпазир аст: якум, бо ягонакунӣ (унификатсия) ва ҳамназдиккунонии (гармонизатсия) меъёрҳои ҳуқуқи граждании миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусии давлатҳои гуногун; дуюм, бо кодификатсиякунонии байналмилалӣ ва ягонакунонии анъанаҳои муомилоти тиҷорати байналмилалӣ; сеюм, бо баҳамназдиккунонии меъёрҳои ҳуқуқи оммавии миллӣ (маъмурӣ, молия, андоз, гумрукӣ, асъорӣ ва ғайра), ки аъзоёни ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ уҳдадориҳоро оиди мутобиққунонии қонунгузории фаъолияти иқтисоди хориҷии шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ва воқеии худро қабул намудаанд, бо қоидаҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалӣ.

4. Яке аз хусусияти муҳими татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ин бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти анҷомдиҳандаи қайдгирӣ мебошад. Дар ин самт зарур ҳисобида мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» (аз соли 2009) қайди фаъолияти соҳибкорӣ, вобаста ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ тариқи ворид намудани тағйироту иловаҳо бо меъёрҳои дақиқ такомул дода шуда бошанд. Маҳз, пас аз ба расмиятдарории фаъолияти мазкур, инчунин ворид шудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ, шахс мақоми ҳуқуқӣ ба даст оварда тамоми ҳуқуқҳои кафолатдодашударо амалӣ мегардонад.

5. Мақомоти қонунгузор бояд ба қонунҳои ҷорӣ баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои асосии миллӣ, рушди рӯзафзуни соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ тағйироту иловагиҳо ворид намояд. Аз ҷумла, ба қонунҳо оиди танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт, муомилоти маводи таркандаи таъиноти гражданӣ, амнияти озуқаворӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигарҳо, меъёрҳо нисбати татбиқи механизми ҳадафҳои рушди фаъолияти иқтисодии кишвар бояд асоснок мустаҳкам карда шаванд. Ҳамчунин, амалияи замони муосир дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, аз ҷумла танзими давлатии онҳо шаҳодат медиҳанд, ки қариб дар ҳама ҳолатҳо

шартҳои пешбинигардидаи қонунгузории миллӣ, қонунгузории байналмилалӣ бо мақсадҳои асосӣ душвор, «гӯё ки» амалӣ гардонида мешаванд. Ба меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ диққати мақомоти қонунгузор ҷиддӣ назар карда шуда бошад. Аз ин ҷост, ки муқаррароти поквиҷдонӣ, одилонагӣ, ростқавлӣ дар меъёрҳои моддаи 10-и КГ ҶТ на балки «дар назар» дошта шуда бошад, балки «тарафҳо уҳдадор бояд бошанд», мустаҳкам карда шавад.

6. Таъсироти давлатӣ дар амалияи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир бениҳоят васеъ мебошад ва қариб тамоми ҳастии ин соҳаро фаро гирифтааст. Ҳамгироии соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо байналмилалӣ дар худ на танҳо таъсироти дохилӣ, балки дигар давлатҳоро фаро гирифтааст.

Муаммовӣ боқӣ мондани ишораҳои қонунгузории ҷорӣ дар он инъикос мегардад, ки таъсироти давлатӣ нисбати фаъолияти соҳибкорон дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ нопурра ва дар як сатҳ байни гуруҳи шахсони муайяни манфиатдор, ба амал бароварда шуда истодааст. Чунин омилҳои соҳаро ҷудо намудан зарур меояд: якум, иттилоот дар бораи квотакунонӣ тариқи огоҳнамоии оммавӣ дастнорас мебошад; дуюм, рақобати бовиҷдононаи фаъолияти соҳибкории субъектони иқтисоди хориҷӣ дар бозори дохилӣ шаффоф набуда, аз тарафи мақомоти давлати ваколатдор ба таври зарурӣ ҳифзнагардида истодааст; сеюм, миқдори маҳсулоти пешбинишудаи квота дар иттилооти расмӣ дур ба назар менамояд, ё умуман дида намешавад; чорум, озодии воридкунанда ва содиркунанда дар интихоби кишвари таъинот имрӯз ҳам амалишавии шарти (принсип) демократикунониро тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯза таъсироти давлатӣ бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ маҳз бо пурзӯр намудани ҷавобгарӣ алоқаманд аст. Дар қонунгузории ҷорӣ муқаррар карда шудани ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ, дар амал татбиқ намудани мубориза ҳар яки онҳо бо коррупсия бидуни унсурҳои хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

7. Дар замони муосир алоқамандии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро бо таъмини манфиатҳои миллӣ аз рӯи чунин ҷабҳаҳои мухталиф ҷудо намудан мумкин аст. Якум, чунин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар натиҷаи ба миён омадани низоми иҷтимоии бухронӣ давлат ягонагӣ, тавоноӣ ва қобилияти самаранок фаъолиятбарӣ ва рушди худро нигоҳ медорад. Бо ин асос давлат имконияти ҳифз намуданро аз ҳама гуна таъсироти берунаю дохилӣ ба объектҳои пуриқтидори кишвар бояд дошта бошад. Дуюм, имконияти ҳифз намудани муқаддасоти миллӣ аз ҳама гуна таҳдидҳои зараррасонӣ барои кишвар ва халқи он. Сеюм, эҳтимолияти вуҷуд доштан ва рушди босуботи кишвар. Ин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар он таъсирот ва таҳдидҳои беруна ва дохила ба муқаддасоти миллӣ, тарзи ҳаёти солим, таъмини ҳифзи иҷтимоии миллӣ бартараф карда шудааст.

Нуктаҳои илмии якум, дуюм, чорум ва ҳафтуми барои ҳимоя манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон нуктаҳои илмии сеюм, панҷум ва шашум қисман баҳснок мебошанд, ки мо дар бораи онҳо дар охири тақриз андешаҳоро мухтасар баён хоҳем кард.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи соҳибкорон ва мақомоти давлатии ваколатдор дар самти танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро

усулҳои зерини умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд ва дар таҷриба санҷида шудаанд: мушоҳида, таҳлил, синтез, тасвир, ҳамчунин усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ–ҳуқуқӣ. Ғайр аз ин дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва интегралии натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби дигар олимони ҳуқуқшинос гузаронида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд. Таҳқиқоти илмии мазкур барои хизматчиёни давлатӣ, ки ба мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, барои субъектони хоҷагидории ватанӣ ва хориҷӣ – иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ алоқаманд мебошанд, арзиши амалӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ, гумрукӣ дар алоқамандӣ бо танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дар амалияи судҳои иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи гумрукӣ, ҳуқуқи гражданӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро муаллиф чунин арзёби кардааст: натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд, раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва

сиёсати Тоҷикистон қабул гардида вобаста ба шароити имрӯза мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳамзамон қобили зикр аст, ки дар заминаи хулоса ва тавсияҳои дар рисола ифодашуда лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ ва ҳуқуқи иттилоотӣ омода кардан мумкин аст, ки он барои мустаҳкам кардани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат менамояд ва саҳме дар такмили қонунгузори кишвар хоҳад буд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба чоп расидааст. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ дар сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ пешниҳод шудаанд: конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии ДДҲБСТ «Рушди соҳибкорӣ дар замони муосир: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он» (ш. Хуҷанд, 18-19 октябри соли 2018), конференсияи байналмилалии илмӣ-методии ДДҲБСТ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» (ш. Хуҷанд, 29-30 ноябри соли 2018), IV Конференсияи байналмилалии илмии Донишгоҳи давлатии нафту гази Русия, хониши гуманитарии Губкин «Глобальные риски цифровой эпохи и образы будущего» (ш. Маскав, 4-5 апрели соли 2019), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон «20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқ ва иқтисод» (ш. Душанбе, 11 октябри соли 2019) ва дигарон.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво,

хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб (параграф), хулоса ва феҳристи маъхазҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 213 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва хусусияти он мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои муайян намудани фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусиятҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол зери таҳлил қарор дода шудааст (с.17-88). Дар ин боб муаллиф мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусиятҳои хоси онро вобаста ба предмети фаъолият, самтҳо ва ҳайати иштирокчиён, санадҳои ватанӣ ва байналмилалии марбут ба танзими фаъолияти иқтисоди хориҷиро таҳлил намуда хулосаҳои дахлдор баровардааст.

Боби дуюм «Нақш ва мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ» аз ду зербоб иборат буда, фарогири масъалаҳои ҳуқуқии мақоми субъектони фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти фаъолияти онҳо ва ҷабҳаҳои танзими ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорӣ мебошад (с. 89-140). Муаллиф дар ин боб таҷрибаи мақомоти давлатии соҳавиро дар ин самт мавриди таҳлил қарор дода, андешаҳои худро доир ба мустаҳкам кардани танзими давлатӣ дар ин самт тарҳрезӣ намудааст.

Боби сеюм «Созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ» бахшида шудааст ба таҳлили нақш ва аҳамияти созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими фаъолияти соҳибкории

иктисоди хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар соҳаи фаъолият ва ҳифзи ҳуқуқи субъектони фаъолияти соҳибкории иктисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ (с.141-180). Муаллиф масъалаҳои зикршударо бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ мавриди таҳлил қарор дода, мушкилотҳои соҳаро номбар карда, роҳҳои ҳалли онро ба қадри имкон пешбинӣ намудааст.

Дар натиҷаи тадкикот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳкикоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола автореферастро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

## Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Дар банди 3 нуктаҳои барои ҳимоя манзуршаванда, муаллиф, пешниҳод кардааст, ки "Рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо воситаҳои ҳуқуқӣ имконпазир аст: якум, бо ягонакунӣ (унификатсия) ва ҳамназдиккунонии (гармонизатсия) меъёрҳои ҳуқуқи граждании миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусии давлатҳои гуногун; дуюм, бо кодификатсиякунонии байналмилалӣ ва ягонакунонии анъанаҳои муомилоти тиҷорати байналмилалӣ; сеюм, бо баҳамназдиккунонии меъёрҳои ҳуқуқи оммавии миллӣ (маъмурӣ, молия, андоз, гумрукӣ, асъорӣ ва ғайра), ки аъзоёни ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ уҳдадориҳоро оиди мутобиққунонии қонунгузории фаъолияти иқтисоди хориҷии шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ва воқеии худро қабул намудаанд, бо

қоидаҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалӣ".   Дар ин пешниҳод бо усулҳои гармонизатсия ва унификатсияи қонунгузорӣ  розӣ шудан мумкин, аммо бо кодификатсияи байналмилалӣ розӣ шудан душвор аст, зеро кодификатсия ҳатто дар дохили қонунгузории як давлат кори ниҳоят мушкил аст.

2. Муаллиф дар банди 5 нуктаҳои барои ҳимоя манзуршаванда,  зикр менамояд, ки "муқарраротн поквиҷдонӣ, одилонагӣ, ростқавлӣ дар меъёрҳои моддаи 10-и КГ ҶТ на балки «дар назар» дошта шуда бошад, балки «тарафҳо уҳдадор бояд бошанд», мустаҳкам карда шавад.  Чунин мавқеи муаллиф баҳснок аст, зеро дар ҷумлаи якуми қисми 4 моддаи 10 КГ ҶТ чунин муқаррар шудааст: "Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта бояд оқилона, одилона ва боинсофона талаботи дар қонунгузорӣ дарҷ ёфтаро, принсипҳои ахлоқи ҷомеаро, соҳибкорон бошанд, қоидаҳои одоби касбиро риоя намоянд. Ин ӯҳдадорӣ набояд ба воситаи шартнома хориҷ ё маҳдуд карда шавад".  Яъне уҳдадорие, ки муаллиф дар назар дорад, аллакай дар ҳамин модда муқаррар шудааст.

3. Муаллиф дар саҳифаи 172  рисола зикр менамояд,  ки "Дар радифи ин, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» таъсиси  Арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимоамалкунандаи Тоҷикистон ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки ба муносибатҳои  тиҷоратӣ ҷалб шудаанд, нисбат ба судҳои миллӣ дар ҳалли баҳсҳои алтернативӣ буда, ба ҷалби сармоягузорӣ мусбат арзёбӣ мегардад". Мутаассифона муаллиф бартариятҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратиро дар ин ҷода пурра баён накардааст.  Бинобар ин хуб мешуд, ки афзалиятҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар ҷараёни ҳимоя аз ҷониби муаллиф васеътар шарҳу тавзеҳ дода шавад.

4. Дар хулосаи рисола муаллиф тавсия додааст,  ки "ба қонунгузории соҳаи иттилоотонӣ вобаста ба ҳамгироии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ самтҳои фаъолияти иқтисоди

хориҷӣ васеъ ворид карда шавад" (с.184). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол 20 қонунҳое дорем, ки бевосита ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ бахшида шудааст. Бинобар ин хуб мешуд, ки муаллиф дар ин самт мушаххас менамуд, ки кадом қонуни соҳаи иттилоотиро дар назар дорад.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонад диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Мавзӯи интихобшуда аз ҷониби Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ ва корҳои илмии анҷомнамудаи он дар робита ба ин мавзӯъ ба тахассуси интихобнамудааш, яъне ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ доир ба мавзӯи **«Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ»** ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи

гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси мукаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 74-75 Низомноми намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, таҳия ва манзур гардидааст.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи
иктисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ У. А. Меликов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½
Тел.: 917448535

«Имзои У. А. Меликовро тасдик мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва ҳуҷҷатгузорӣ
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мумтоз Назирӣ